# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи геология ва менеҷменти маъдану техникаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод гардидааст.**

Кори диссертатсионии Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» аз муқаддима чор боб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Боби якуми диссертатсия ба «Тавсифи физикӣ-географии минтақа» бахшида шуда, дар он масъалаҳои сохторҳои кӯҳӣ ва унсури асосии орографии минтақа, релефи нишебии ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор ва хусусиятҳои гидрологии минтақа баррасӣ шудаанд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Сохтори геологӣ ва ҳолати сейсмикии минтақа»-ро фаро гирифта, дар он масъалаҳои сохтори геологӣ, ҳолати сейсмикӣ ва хусусиятҳои геоморфологии минтақа мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар минтақаи таҳқиқотӣ таҳшиниҳои давраи юра васеъ паҳн шудаанд, ки бо онҳо қабатҳои ангиштсанг алоқадор мебошанд.

Дар боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Хусусиятҳои геоэкологии минтақа» дарҷ гардида, дар он масъалаҳои таснифи ландшафтҳо, навъи хокҳо ва шароити иқлим баррасӣ гардидаанд. Конҳои ангишти нишебии ҷанубӣ қаторкуҳи Ҳисор дар таъмини амнияти энергетикии кишвар накши

муҳим доранд. Минтақаи мазкур мавҷуд будани конҳои ангиштсанг, аз қабили Зиддеҳ, Тошқутан, Ҳакимӣ, Суффа, Чашмасанг ва Сайёд мебошанд, ки аҳаммияти саноатӣ доранд.

Боби чоруми таҳқиқоти диссертатсионӣ «Динамикаи тағйирёбии шароити геоэкологӣ»-ро фаро гирифта, дар он масъалаҳои таъсири техногенӣ ва тағйирёбии вазъи геоэкологии минтақа дар шароити муосир, омилҳои асосии қонунияти пайдоиши хавфи офатҳои табиӣ ва чораҳои геоэкологӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳлил ва натиҷаҳои мушоҳидаҳои дар боло овардашуда гуногун ва шиддатнокии вайроншавии муҳити геологии минтақаро аз сабаби афзоиши босуръати истихроҷи конҳои ангиштсанг нишон медиҳанд.

Дар автореферат бо назардошти он ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот натиҷа ва маълумотҳои назарраси илмӣ ба даст оварда шудаанд, баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои техникӣ низ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Барои боз ҳам вусъат бахшидан дар ҷараёни корҳои илмӣ-таҳқиқоти унвонҷӯро мебоист аз технология ва усули муосир, ба монанди системаи технологияи географӣ ва зондкунии фосилавии Замин истифода намуда, ба эътимоднокии натиҷаҳои илмии назаррас ноил мегардид.

Ин камбуди ба мазмун ва арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ба назар гирифта шаванд.

Бояд қайд кард, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлил карда шудаанд.

Хулоса, диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйири иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295)

ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, муаллиф ба гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои геологию минералогӣ,
котиби илмии Маркази илмӣ-таҳқиқотии
экология ва ҳифзи муҳити зисти
Осиёи Марказӣ (Душанбе) Мамадҷонов Ю.

Суроға: 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С. Айнӣ, 267
Тел.: (+992) 935025055
E-mail: petrology@mail.ru

Имзои Мамадҷонов Ю.-ро
тасдиқ мекунам:
ҳамдиректори Маркази илмӣ-таҳқиқотии
экология ва ҳифзи муҳити зисти
Осиёи Марказӣ (Душанбе) Гулаёзов М.Ш.

Суроғаи муассиса:
734063, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С. Айнӣ, 267
Тел.: (+992 37) 2257816
E-mail: rceeca.dushanbe@mail.com

«26» 05 соли 2026.